# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи «Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – "Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот" (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Рисолаи унвонҷӯй Собитов Мазбут Шавкатович ба таҳқиқи проблемаи муосир омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Бо сабаби ба низоми кредитӣ гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар масъалаи омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти ҳозиразамон ва ба ин восита самаранок гардонидани сифати таълим ва тайёр намудани омӯзгорони насли нав ба миён меояд. Бо рушди технологияи информатсионии коммуникатсионӣ имконияти татбиқи он дар сохаи таълим ба миён омад. Таҷрибаҳо собит менамоянд, ки дар шароити имрӯза аз байни технологияҳои информатсионии коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф мултимедиа бештар истифода мешавад.

Дар автореферат оварда шудаст, ки бо истифода аз технологияи чандрасонаӣ, раванди таълим боз ҳам самаранок мегардад. Муаллифи рисола бо назардошти мавҷудияти асосҳои бунёдӣ ва назариявии мавзӯи таҳқиқот коркарди падида ва унсурҳои навгонии мавзӯи интихобшударо баррасӣ ва ҳаллу фасл кардааст.

Бо вуҷуди ин, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дар низоми таҳсилоти олӣ ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва фаъоли таълим, инчунин баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон таваҷҷуҳи боз ҳам бештари масъулонро тақозо мекунад.

Омӯзгорон барои ҳал намудани масъалахои мубрами раванди таълиму тарбия бояд роҳу усулҳои навро ҷустуҷӯ намоянд. Аз ин рӯ, бо тақозои ҳаёт соҳаи маориф имкон пайдо намуд, ки аз усулу қолабҳои

кӯҳнаи кор раҳоӣ ёфта, башаклу усулҳои наву замонавии таълим рӯ орад. Дар ин ҷода татбиқи технологияи чандрасонаӣ дар раванди таълим, истифодаи технологияҳои иттилоотии навбоиси баланд бардоштани сифати таҳсилот ба шумор меравад.

Аз мазмун ва мундариҷаи автореферати СабировМ.Ш.бармеояд, ки рисолаи муҳаққиқ таҳқиқоти анҷом ёфтаии лмӣ дар соҳаи назария ва методҳои таҳсилоти касбӣ мебошад. Он ба талаботи давру замон бобати ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешқадами фаъолияти омӯзгорон дар истифодаи воситаҳои технологияҳои чандрасонаӣ мувофиқат хоҳад кард.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда унвонҷӯй далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф дар самти тадқиқоти мазкур аз адабиёти илмии зарури огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад. Унвонҷӯй дар тадқиқоти хеш масъалаи пешгирифтаро дар робита бо омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиявии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии ҶумҳурииТоҷикистон мувафаққона ва пурарзиш анҷом додааст.

Дар айни замон, дар баробари натиҷаҳои назарраси илмӣ – методии таҳқиқоти мазкур, ки мо онҳоро таъкид намудем, дар кори мазкур камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд.

1. Дар таҳқиқот ба дараҷаи лозимӣ масъалаи роҳу усулҳои анъанавии таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим ва умуман воситаҳои таълим мадди назар нагардидааст.
2. Хуб мешуд, ки амалияи таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим бештар, васеътар ва чуқуртар мавриди назар мегардид.
3. Забон ва услуби баёни маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ба меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад, вале баъзе хатогиҳои имлоӣ дорад.

Аммо ин норасоиҳо арзиши илмӣ – методии таҳқиқоти гузаронидашударо нисбати илми педагогика, амалияи таълим дар

мактабҳои олӣ, омодасозии касбӣ – меҳнатии омӯзгорони оянда паст намезанад.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – "Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот" (илмҳои педагогӣ) мувофиқати комил дорад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Собитов Мазбут Шавкатович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – "Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот" (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика, равоншиносӣ ва методикаи фани Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев — Булбулов Ҷумъа

11.05. 2021 сол

Суроға : 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Ш.Шотемур 28
Тел.: (+992) 935-00-62-43
e-mail: juma.bulbulov1955@gmail.com

Имзои Булбулов Ҷумъаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и Д.Д. Хоруғ ба номи М. Назаршоева — Шабдолов К.
11.05. 2021 сол

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ба номи М. НАЗАРШОЕВ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС